*Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14)*

**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Иброҳимзода Илҳомуддин Раҷабалӣ ба диссертатсияи Шарипов Некрӯз Гадомадович дар мавзуи «Ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии баландбардории рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ (дар мисоли ташкилотҳои қарзӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.**

**1. Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳоиилм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Баррасии ҷиддӣ ва амиқи мухтавою муқаррароти диссертатсияи пешниҳодшудаи Шарипов Н.Г. дар мавзуи «Ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии баландбардории рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ (дар мисоли ташкилотҳои қарзӣ)» моро ба хулосае водор кард, ки дар ҳақиқат ихтисоси диссертатсия ба бандҳои 10.1. Ташаккули низоми бонкӣ ва инфрасохтори он дар шароити иқтисоди бозорӣ; 10.5. Устувории низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва стратегияи рушди он; 10.6. Рақобати байнибонкӣ; 10.14. Коркарди равишҳои арзёбии сандуқи дороиҳои бонкҳои Тоҷикистон ва самтҳои самаранокгардонии сандуқ; 10.18. Проблемаҳои мувофиқсозии ташаккул ва инкишофи системаи бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон; 10.21. Захираҳои бонкӣ ва ташкилкунии онҳо. Сиёсати бонкӣ дар соҳаи ҷалби воситаҳо. Проблемаҳои истифодаи самараноки захираҳои бонкӣ Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 -Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мутобиқат мекунад.

**2. Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Мавзуи диссертатсияи тақризшаванда - «Ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии баландбардории рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ (дар

мисоли ташкилотҳои қарзӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст, мубрам буда, дар он масъалаҳои баландбардории рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ возеҳ дарҷ гардидааст.

Мубрамияти мавзуи таҳқиқот дар марҳалаи кунунии рушди иқтисодиёти ҷаҳонӣ бо трансформатсияи куллии низоми молиявию бонкӣ ва гузариши он ба форматҳои рақамӣ асоснок карда мешавад. Дар шароити муосир, рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ танҳо бо нишондиҳандаҳои анъанавии молиявӣ, аз қабили ҳаҷми сармоя, миқдори филиалҳо ё портфели қарзӣ маҳдуд нашуда, балки бештар аз сатҳи ҷорӣ намудани инноватсияҳои технологӣ, чандирии сохтори ташкилӣ ва қобилияти мутобиқшавӣ ба тағйироти босуръати бозори рақамӣ вобастагӣ пайдо кардааст. Иқтисодиёти рақамӣ муҳити нави соҳибкориро ба вуҷуд овард, ки дар он технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ на танҳо ҳамчун воситаи ёрирасон, балки ҳамчун омили асосии стратегии баланд бардоштани самаранокии фаъолияти бонкҳо баромад мекунанд.

Яке аз ҷанбаҳои муҳими мубрамияти мавзуъ дар он зоҳир мегардад, ки бонкҳои тиҷоратӣ имрӯз дар шароити рақобати шадид на танҳо бо ҳамдигар, балки бо ширкатҳои баланди технологӣ ва экосистемаҳои фаромиллии рақамӣ қарор доранд. Ин рақибони нав бо истифода аз моделҳои камхароҷот ва платформаҳои муосир, қисми зиёди муштариёнро ҷалб намуда, бонкҳои анъанавиро вазифадор мекунанд, ки механизмҳои ташкилӣ ва иқтисодии худро таҷдид намоянд. Зарурати гузариш аз моделҳои классикии бонкӣ ба моделҳои "рақамӣ" ва "кушода" тақозо менамояд, ки равандҳои дохилии идоракунӣ, низоми қабули қарорҳо ва сохтори ташкилии бонкҳо аз нав дида баромада шаванд.

Тағйирёбии куллии рафтори истеъмолкунандагон ва боло рафтани талаботи муштариён ба хизматрасониҳои масофавию фаврӣ омили дигарест, ки мубрамияти таҳқиқотро тасдиқ мекунад. Дар иқтисодиёти рақамӣ муштарӣ интизори хизматрасонии фардикунонидашуда дар асоси технологияҳои зеҳни

сунъӣ ва таҳлили додаҳои калон мебошад. Аз ин рӯ, таҳқиқи ҷанбаҳои иқтисодии баланд бардоштани рақобатпазирӣ тавассути ҷорӣ кардани маҳсулоти инноватсионӣ ва экосистемаҳои бонкӣ барои нигоҳ доштани мавқеи бозорӣ ва устувории молиявии ташкилотҳои қарзӣ аҳамияти аввалиндараҷа дорад.

Ҳамзамон, рақамикунонии соҳаи бонкӣ дар канори имкониятҳои васеъ, хавфҳои нави киберӣ ва таҳдидҳо ба амнияти иттилоотиро ба вуҷуд меорад. Баланд бардоштани рақобатпазирӣ бе таҳияи механизмҳои муосири идоракунии хавфҳои рақамӣ ва таъмини эътимоди муштариён ба низоми бонкӣ ғайриимкон аст. Инчунин, мавзуи таҳқиқот бо ҳадафҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла "Стратегияи рушди иқтисоди рақамӣ барои давраи то соли 2040" ва нақшаҳои давлатӣ оид ба васеъ намудани ҳисоббарории ғайринақдӣ пурра ҳамоҳанг мебошад. Набудани корҳои мукаммали илмӣ-таҳқиқотӣ, ки маҳз хусусиятҳои миллии бозори бонкии кишварро дар шароити рақамикунонӣ фаро мегиранд, зарурати таҳияи тавсияҳои илмию амалиро дар ин самт боз ҳам бештар мегардонад.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар рисола бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд.** Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар муайян намудани ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии баланд бардоштани рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ иборат буда, дар асосноккунии муқаррароти назариявию методологии ислоҳоти низоми бонкӣ дар мисоли ташкилотҳои қарзӣ дар шароити рушди иқтисодиёти рақамӣ ифода меёбад.

Таҳлил нишон дод, ки дастовардҳои зерини муаллиф аз унсурҳои навгонии илмӣ холӣ нестанд:

Муаллиф дар кори илмии худ асосҳои илмию назариявии мафҳуми иқтисоди рақамӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, он ҳамчун омили асосии рушди босуботи бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои қарзӣ муайян карда шудааст. Муаллиф принсипҳо ва усулҳои асосии рушди иқтисоди рақамиро дар асоси омӯзиши адабиёти илмӣ ва таҷрибаи ҷаҳонӣ муайян намуда, таъсири мусбии онро ба рушди фаъолияти бонкӣ, ташкилотҳои қарзӣ ва дар маҷмуъ, иқтисоди миллӣ нишон додааст.

Инчунин муаллиф ҳангоми таҳияи диссертатсияи худ мафҳум ва моҳияти ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ дар мисоли ташкилотҳои қарзӣ бо дарназардошти арзёбии таҳлили таҷрибаи ҷаҳонии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ баррасӣ карда, мафҳуми ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратиро дар асоси омӯзиши илмҳои назариявии муҳаққиқон ҳамчун унсури фаъоли татбиқи иқтисодиёти рақамӣ муфассал шарҳ додааст.

Дар қисмати амалии кори худ аз ҷониби муаллиф таҳлили ҳолати муосири бонкҳои тиҷоратӣ дар мисоли ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ амалӣ гардонидааст. Ҳамзамон, омилҳои таъсиррасон ба сатҳу сифати амалиёти бонкҳои тиҷоратӣ муайян гардида, инчунин, такмили механизмҳои ташкилию иқтисодии онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти истифодаи васеи технологияи рақамиро ошкор намудааст.

Аз ҷониби диссертаант дар диссертатсия татбиқи технологияҳои инноватсионӣ дар рушди хизматрасониҳои ташкилотҳои қарзӣ дар шароити ташаккули иқтисодиёти рақамӣ таҳия гардидааст. Унвонҷӯ ҳамчунин, мукаммал намудани нақши инноватсияҳои бонкиро, ки дар раванди гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ муфид арзёбӣ мегардад, пешниҳод намудааст. Инчунин, тавсияҳои амалӣ оид ба баланд бардоштани рақоатпазирии ташкилотҳои қарзӣ дар шароити гузаштан ба иқтисодиёти рақамӣ асоснок карда шуда, пешниҳод гардидаанд.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

Дар доираи таҳқиқоти мазкур ҷанбаҳои назариявии мафҳуми иқтисодиёти рақамӣ ҳамчун унсури калидии рушди фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои қарзӣ муайян карда шуда, дар асоси арзёбию таҳлили таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ, моҳияти ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии рақобатпазирии онҳо мавриди баррасии амиқ қарор гирифтааст. Ҳамзамон, ҳолати муосири ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ ҳаматарафа таҳлил гардида, зарурати такмили механизмҳои ташкилию иқтисодии фаъолияти онҳо тавассути истифодаи

васеи технологияҳои рақамӣ асоснок карда шудааст. Дар ин замина, нақши технологияҳои инноватсионӣ дар рушди хизматрасониҳои бонкӣ муайян гардида, тавсияҳои мушаххаси амалӣ ҷиҳати баланд бардоштани рақобатпазирии ташкилотҳои қарзии кишвар дар фазои нави рақамӣ пешниҳод шудаанд.

**4. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифода онҳо.** Аҳамияти илмии таҳқиқот дар он аст, ки кори диссертатсионии муаллиф аз коркарди таҳлилу баҳогузорӣ ва тавсияҳои амиқу дақиқ оид ба масоили баландбардории рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ иборат мебошад.

Ҷанбаҳои амалии таҳқиқоти мазкур дар татбиқи чораҳои пешниҳодгардида оид ба такмили механизмҳои ташкилию иқтисодӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ дар фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ шароит муҳайё мекунад, то раванди идоракунии рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ дар сатҳи сифатан нав ба роҳ монда шавад. Татбиқи тавсияҳои пешниҳодшуда ҷиҳати рақамикунонии хизматрасониҳои бонкӣ на танҳо самаранокии амалиётии ташкилотҳои қарзиро афзун мегардонад, балки суботи молиявии низоми бонкии кишварро дар шароити иқтисодиёти рақамӣ таъмин менамояд. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар ҷараёни суханрониҳо дар конференсияҳои илмию амалии сатҳи донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, семинарҳои илмию методӣ ва ҷаласаҳои кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон мавриди санҷиш ва баррасӣ қарор гирифтаанд.

Хулоса ва пешниҳодҳои назариявию амалии дар рисола коркардшуда метавонанд дар фаъолияти амалии бонкҳои тиҷоратӣ, ташкилотҳои қарзии хурд, Бонки миллии Тоҷикистон ва дигар сохторҳои низоми молиявию кредитии кишвар ҳангоми таҳияи стратегияҳои рушди рақамӣ мавриди истифода қарор гиранд. Инчунин, ҷанбаҳои асосии диссертатсия метавонанд дар раванди таълим барои таҳияи барномаҳои корӣ ва фанҳои таълимии «Фаъолияти бонкӣ», «Технологияҳои рақамӣ дар бонкҳо», «Менеҷменти бонкӣ» ва «Пул, қарз, бонк» барои донишҷӯён, магистрантон ва докторантони

PhD-и муассисаҳои таҳсилоти олии касбии самти иқтисодӣ ва молиявӣ истифода шаванд.

**6. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Мақолаҳои интишоршудаи муаллиф, иқтибосҳои илмӣ ва хулосаю пешниҳодҳои дар диссертатсия ҷойдоштаро дар худ инъикос намудаанд. Экспертизаи диссертатсия нишон дод, ки муаллиф вобаста ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ 11 мақола ба нашр расонидааст, ки аз инҳо 3 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд. Натиҷаҳои асосӣ ва нуктаҳои муҳими таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои илмию назариявии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ироа гардидаанд.

**7. Мутобиқати баррасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА.** Диссертатсияи пешниҳод намудаи довталаб Шарипов Н.Г. ба бандҳои меъёрҳои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, омодасозии диссертатсия ва экспертизаи диссертатсия дар шурои диссертатсионӣ ва ба дигар талаботҳои “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй мебошад.

Баррасии кори диссертатсионии тақризшаванда собит сохт, ки диссертатсияи Шарипов Н.Г. дар мавзуи «Ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии баландбардории рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ (дар мисоли ташкилотҳои қарзӣ)» ба меъёрҳои муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ мебошад.

**8. Натиҷаҳои кор ва ҷанбаҳои мусбии он.** Кори тақризшаванда аз муқаддима, се боб, нуҳ зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст, ки дар 178 саҳифаи чопи компютерӣ иншо шуда, 22 ҷадвалу 18 расм дорад. Рӯйхати адабиёти истифодашуда 214 номгӯйро иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрамият, дараҷаи омӯзиши мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ асоснок гардида, мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети

таҳқиқот муайян карда шуда, муҳимтарин натиҷаҳои илмӣ ва навгонии онҳо инъикос ёфтаанд (саҳ.4-14).

**Дар боби якуми диссертатсия бо унвони “Асосҳои назариявӣ ва ташкилию иқтисодии рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити ташаккули иқтисодиёти рақамӣ”** - ҷанбаҳои назариявӣ ва ташаккули иқтисодиёти рақамӣ ва нақши он дар рушди бонкҳои тиҷоратӣ, асосҳои ташкилию иқтисодии рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ ва усулҳои арзёбии он дар шароити рушди иқтисодиёти рақамӣ ва таҷрибаи ҷаҳонии баландбардории рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. (с. 15-60)

Ҳангоми таҳияи боби мазкур муаллиф ҷанбаҳои назариявӣ ва консептуалии ташаккули иқтисодиёти рақамиро мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба қарор дода, қонуниятҳои пайдоиш ва марҳилаҳои рушди онро дар шароити муосир асоснок намудааст. Инчунин, дар ин қисмати кор нақши калидии технологияҳои инноватсионӣ дар дигаргунсозии низоми бонкӣ ва таъсири онҳо ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ тавассути ҷорӣ намудани маҳсулоти рақамӣ ва форматҳои нави хизматрасонӣ омӯхта шудааст (с. 15-20).

Унвонҷӯ дуруст қайд мекунад, ки иқтисодиёти рақамӣ на танҳо воситаи автоматикунонии равандҳо, балки омили стратегии тақвияти рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ дар бозори молиявӣ мебошад. Ба андешаи муаллиф, гузариш ба моделҳои рақамии пешбурди бизнес имкон медиҳад, ки хароҷоти амалиётӣ коҳиш ёфта, дастрасии муштариён ба хизматрасониҳои бонкӣ новобаста аз мавқеи ҷуғрофӣ таъмин карда шавад, ки ин дар навбати худ ба рушди устувори низоми бонкии кишвар мусоидат менамояд (с. 21-28).

Диссертант асосҳои ташкилию иқтисодии рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратиро дар шароити дигаргуншавии куллии низоми молиявӣ мавриди таҳқиқ қарор додааст. Муаллиф раванди таҳияи моделҳои нави идоракуниро, ки ба истифодаи васеи технологияҳои иттилоотӣ асос ёфтаанд, дида баромада, таъсири онҳоро ба нишондиҳандаҳои иқтисодии бонкҳо асоснок намудааст. Таваҷҷуҳи махсус ба омӯзиши инфрасохтори рақамӣ ҳамчун таҳкурсии

ташкилии рақобатпазирӣ ва воситаи мутобиқшавии бонкҳо ба талаботи тағйирёбандаи бозори хизматрасониҳои молиявӣ равона карда шудааст (с. 29-44).

Ҳангоми таҳияи диссертатсияи худ диссертант таҷрибаи пешқадами кишварҳои мутараққии ҷаҳон ва бозорҳои рӯ ба рушдро дар самти баланд бардоштани рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити трансформацияи рақамӣ мавриди таҳлили амиқ қарор додааст. Муаллиф моделҳои муваффақи кишварҳое чун ИМА, Чин, Британияи Кабир ва Сингапурро, ки дар онҳо ҳамкории бонкҳои анъанавӣ бо ширкатҳои FinTech ва ҷорӣ намудани технологияи бонкдории кушода ба ҳукми анъана даромадааст, дида баромадааст. Дар ин қисмати таҳқиқот, диссертант механизмҳои давлатии дастгирии инноватсияҳои молиявиро, ки ба таҳкими мавқеи бонкҳо дар арсаи байналмилалӣ мусоидат мекунанд, мушаххас намудааст. (с. 44-60)

**Дар боби дуюм – «Таҳлил ва арзёбии ҳолати муосири хизматрасониҳои ташкилотҳои қарзӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ»** ҳолати муосири хизматрасониҳои бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ, арзёбии ҳолати кунунии ташкилотҳои қарзии хурд ва истифодаи самараноки технологияи инноватсионӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ ва омилҳои таъсиррасон ба баланд бардоштани рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити муосир мавриди таҳлили амиқ қарор гирифтанд. (с. 61-108)

Диссертант дар таҳияи боби мазкур ҳолати кунунии бозори хизматрасониҳои бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар заминаи татбиқи "Стратегияи рушди иқтисоди рақамӣ" мавриди баррасии ҳамаҷониба қарор додааст. Муаллиф раванди гузариши бонкҳои ватаниро аз шаклҳои анъанавии хизматрасонӣ ба форматҳои муосири рақамӣ, аз ҷумла васеъшавии шабакаи ҳамёнҳои электронӣ, замимаҳои мобилӣ ва низомҳои пардохти ғайринақдӣ таҳлил намудааст. Дар ин қисмат нишондиҳандаҳои омории афзоиши истифодабарандагони бонкинги мобилӣ ва таносуби амалиётҳои нақдию ғайринақдӣ дар кишвар дида баромада шудаанд. (с. 61-77)

Аз ҷониби муаллиф ҳолати кунунии фаъолияти ташкилотҳои қарзии хурдро дар шароити ташаккули иқтисоди рақамӣ мавриди таҳлили интиқодӣ қарор дода шудааст. Унвонҷӯ раванди трансформатсияи моделҳои бизнесро дар ТҚХ омӯхта, нишон медиҳад, ки чӣ тавр технологияҳои инноватсионӣ ба баланд бардоштани самаранокии амалиётӣ ва дастрасии хизматрасониҳои молиявӣ барои аҳолии деҳот ва соҳибкории хурд мусоидат мекунанд. Дар ин қисмат, диссертант таносуби байни хароҷоти ҷорӣ намудани технологияҳои нав ва фоидаи иқтисодии аз онҳо бадастомадаро дар мисоли ташкилотҳои пешқадами қарзии хурди ҷумҳурӣ асоснок намудааст. (с. 78-94)

Дар раванди таҳияи кори илмии худ Шарипов Н.Г. маҷмӯи омилҳои дохилӣ ва беруниеро, ки ба баланд бардоштани рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити дигаргуншавии рақамӣ таъсири бевосита мерасонанд, тасниф ва баррасӣ намудааст. Унвонҷӯ омилҳои анъанавиро (ба монанди устувории молиявӣ ва эътибори бонк) бо омилҳои нави технологӣ муқоиса карда, нақши инноватсияҳои маҳсулотӣ ва равандӣ-ро дар таҳкими бартарии рақобатӣ асоснок мекунад. Дар ин қисмати кор, диссертант диққати махсусро ба омили "сармояи инсонӣ" ва омодагии кормандони бонк барои кор дар муҳити нави рақамӣ равона кардааст.

Унвонҷӯ дуруст қайд мекунад, ки дар шароити муосир омилҳои рақобатпазирӣ аз доираи нишондиҳандаҳои сирф иқтисодӣ берун баромада, хусусияти комплексӣ пайдо кардаанд; ба андешаи муаллиф, дар марҳилаи ҳозира омилҳои калидии таъсиррасон аз сатҳи трансформатсияи рақамӣ (қобилияти бонк дар пешниҳоди хизматрасониҳои бидуни тамос ва автоматикунонии равандҳои дохилӣ), экосистемасозӣ (эҷоди платформаҳои фарогир, ки на танҳо хизматрасониҳои бонкӣ, балки хизматрасониҳои ғайрибонкӣ, аз ҷумла суғурта ва тиҷорати электронӣ, муттаҳид менамоянд) ва идоракунии хавфҳои киберӣ (таъмини амнияти додаҳо ҳамчун омили асосии эътимоди муштариён) иборат мебошанд. (с. 94-108)

Дар **боби сеюм** - «Такмилдиҳии механизмҳои ташкилию иқтисодии хизматрасониҳои бонкӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ» такмили самтҳои асосии танзими давлатии фаъолияти бонкӣ ва нақши БМТ дар он, татбиқи

технологияҳои муосири инноватсионӣ дар баланд бардоштани рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ ва роҳҳои такмили механизмҳои асосии идоракунии бехатарии иқтисодии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити рушди иқтисодиёти рақамӣ пешниҳод шудааст (саҳ.109-146).

Бо ақидаи муаллиф розӣ шудан мумкин аст, ки ӯ қайд менамояд, ки ки яке аз вазифаҳои асосии БМТ танзими фаъолияти бонкҳои тиҷоратии мамлакат маҳсуб ёфта, бозори молиявиро тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки мавриди амал қарор доранд, ба низом медарорад. Заминаи ҳуқуқӣ барои таъмин намудани самаранокии фаъолияти муассисаҳои молиявӣ аҳаммияти калон дошта, дар ташаккул ва рушди хизматрасониҳои босифати бонкӣ метавонад таъсири мусбат расонад. Дар баробари ин, сиёсати пулию қарзии давлат омили дигаре мебошад, ки ба соҳаи бонкдорӣ таъсири амиқ мегузорад. (с.110-119)

Муаллиф дар диссертатсияи худ дуруст қайд менамояд, ки дар низоми бонкӣ тадбиқ намудани технологияҳои муосири рақамӣ падидаест, ки аз ҷониби кормандони баландихтисоси соҳаҳои мухталиф, хусусан, дар соҳаи иттилооти бонкӣ тавассути истифодаи самараноки намудҳои гуногуни он амалӣ карда мешавад.Инчунин бояд ёдовар шуд, ки истифодаи технологияҳои муосири рақамӣ қариб дар ҳамаи бонкҳои тиҷоратӣ ба назар мерасад, ки бешубҳа таъсири мусбати худро ба баланд бардоштани рақобатпазирии бонк расонида, фаъолияти касбии бисёре аз кормандони бонкро ба талабот ҷавобгӯ мегардонад. (с. 121-125)

Унвонҷӯ қайд мекунад, ки дар тамоми бонкҳои кишварҳои мутараққӣ бо истифода аз усулҳои гуногун, аз қабили амсилаҳои оморӣ, арзёбии раддабандӣ, баровардани коэффисиентҳо, муайян кардани хавфҳо ва ғ. устувории молиявӣ ва дараҷаи хавфи бонкро таҳлил намуда, дараҷаи рақобатпазирӣ ва рейтинги мушаххаси онро дар бозори молиявӣ муайян менамоянд. Вобаста ба ин, пешниҳод карда мешавад, ки дар низоми бонкии мамлакат ҳамасола тавассути истифодаи усулҳои гуногуни таҳлилӣ рейтинги тамоми бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои хурди қарздиҳӣ бо истифода аз нишондиҳандаҳои муайян арзёбӣ карда шаванд. (с. 138-146)

**9. Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.**

1. Дар қисмати назариявии кори диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф як ҷадвал бо унвони "Нуқтаи назари баъзе олимони ватанию хориҷӣ оид ба мафҳуми иқтисодиёти рақамӣ" (ҷадвали 1.2.) таҳия шудааст. Хуб мебуд агар унвонҷӯ дар он бештар ақидаҳои олимони ватаниро бештар меовард.

2. Ҳангоми таҳияи диссертатсия худ муаллиф таҷрибаи хориҷиро хуб омӯхтааст ва дар он якчанд таҷрибаи давлатҳои хориҷиро овардааст. Беҳтар мешуд агар таваҷҷӯҳи худро ба таҷрибаи давлатҳои ба шароити иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон наздик меовард.

3. Беҳтар мебуд агар ҳангоми таҳияи зербоби 2.3. "Омилҳои таъсиррасон ба баланд бардоштани рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити муосир" аз ҷониби муаллиф омилҳои ғайрииқтисодиро низ муайян менамуд.

4. Дар боби сеюми диссертатсия муаллиф мушкилоте, ки дар раванди татбиқи технологияи инноватсионӣ таъсир мерасонанд муайян кардааст. Қобили қабул мебуд агар оид ба ҳамин мушкилотҳо роҳҳои ҳалли онҳоро дар шакли як ҷадвал таҳия менамуд.

5. Дар боби сеюми диссертатсия муаллиф ба ақидаҳои муаллифони рус бештар таваҷҷӯҳ додааст. Хуб мешуд онҳоро ихтисор карда, олимони ватаниро ақидаҳошонро меовард.

6. Беҳтар мебуд баъзе ҷадвалҳои калонро, ки дар худи диссертатсия овардааст, ба қисмати замимаҳо ҷойгир менамуданд.

Бояд қайд намоем, ки камбудиҳои номбаргардида ба мазмуну муҳтавои диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд ва арзиши баланди илмии онро коста намекунад.

**10. Хулосаи умумӣ**

Кори диссертатсионӣ аз рӯйи сохтор, таркиби бобҳо, мазмун ва мантиқ ба талабот ҷавобгӯй буда, натиҷаҳои ба дастомада дар тавсеаи асосҳои назариявӣ ва методологии такмили механизмҳои молиявии ҳавасмандгардонии истифодаи самараноки захираҳои иқтисодӣ саҳми калон доранд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Шарипов Некрӯз Гадомадович дар мавзуи «Ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии баландбардории рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ (дар мисоли ташкилотҳои қарзӣ)»

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз аз рӯйи ихтисоси 5.2.17– Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ –методӣ иҷро гардида, ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқarrizi расмӣ:**
Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
ректори Донишгоҳи славянии
Россия ва Тоҷикистон Иброҳимзода И.Р.

Имзои **Иброҳимзода И.Р.**-ро тасдиқ мекунам:
Сардори идораи кадрҳои ДСРТ Исмаилова М.Н.

**Суроға:** Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон,
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
кӯчаи Мирзо Турсунзода 30. Ректори донишгоҳ.
Телефон: (+992) 37 221-35-50; E-mail: p.rektora@mail.ru, URL: www. rtsu.tj